**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**РАИСИ ВИЛОЯТИ СУҒД**
**ҚАРОР**

ш.Хуҷанд

аз «17» ноябри соли 2015 №510

Дар бораи тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили вилояти Суғд дар соли 2020

Мутобиқи моддаи 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 октябри соли 2015, №572 «Дар бораи тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020», бо мақсади ба даст овардани маълумот оид ба шумора ва ҷойгиршавии аҳолӣ дар қаламрави вилояти Суғд, инчунин муайян намудани дурнамои рушди ҷараёнҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва демографӣ, қ а р о р м е к у н а м:

1. Дар соли 2020 дар қаламрави вилояти Сугд баруйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил гузаронида шавад.

2. Ташкили тайёрӣ, гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил ба зиммаи Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистои дар вилояти Суғд гузошта шавад.

3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини раиси вилоят Анвар Яъқубӣ гузошта шавад.

Раиси вилоят Абдураҳмон Қодирӣ